**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№8**

**аз 23 декабри соли 2011** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба пардохти боҷи давлатӣ аз рӯи парвандаҳои гражданӣ ва оилавӣ**

Бо мақсади таъмини татбиқи якхелаи қонунгузорӣ ва таҷрибаи ягонаи судӣ марбут ба пардохти боҷи давлатӣ, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1. Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки хароҷоти судӣ аз боҷи давлатӣ ва хароҷоти вобаста ба баррасии парванда иборат мебошад.

Аз ин рӯ, ба судҳо зарур аст, ки дар ин раванд талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» аз 28 феврали соли 2004 таҳти №19 ва Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон)-ро вобаста ба андоза ва тартиби пардохти боҷи давлатӣ дақиқан риоя намоянд.

2. Боҷи давлатӣ то пешниҳоди аризаҳои даъвогӣ, дигар аризаҳо ва шикоятҳо, ҳамчунин ҳангоми аз тарафи суд такроран додани нусхаҳои ҳуҷҷатҳо мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» пардохт карда мешавад.

Диққати судҳо ба он бояд ҷалб карда шавад, ки дар вақти ба мурофиаи судӣ қабул намудани аризаи даъвогӣ (ариза) маълумотҳоро оиди нархи даъво, агар даъво нарх дошта бошад, инчунин ҳисоби маблағҳои ситонидашаванда ё баҳснокро, ки дар аризаи даъвогӣ (ариза) зикр шудааст, ё не муайян намоянд.

Ба аризаи даъвогӣ (ариза) инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи пардохти боҷи давлатӣ бо тартиб ва андозаи муқарраршуда ва ҳисоби маблағҳои ситонидашаванда ё баҳсноке, ки аз ҷониби даъвогар, намояндаи ӯ имзо шудаанд, бо нусхаҳо мутаносибан ба теъдоди ҷавобгарон ва шахсони сеюм бояд замима карда шавад.

Агар боҷи давлатӣ вобаста ба ариза оид ба қабули фармон, аризаҳои даъвогӣ ва дигар аризаҳо, ки мавзӯи ситонидани боҷи давлатӣ шуда метавонанд, пардохт нашуда бошад, он гоҳ судя дар асоси талаботи моддаҳои 128 ва 139 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъинот дар бораи беҳаракат монондани аризаро қабул менамояд. Аризаҳое, ки боҷи давлатӣ аз рӯи онҳо дар ҳаҷми пурра пардохта нашудааст низ беҳаракат мононда мешаванд.

Дар ҳолати тибқи нишондоди таъиноти судя боҷи давлатӣ дар мӯҳлати муқарраршуда пардохта нашуда бошад ё нопурра пардохт шуда бошад, он гоҳ аризаи даъвогӣ (ариза) пешниҳодшуда ба ҳисоб намеравад ва ба аризадиҳанда бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба аризаи даъвогӣ (ариза) замимагардида баргардонида мешавад.

Нисбати таъинот оид ба беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ (ариза) шахсони иштирокчии парванда метавонанд шикояти хусусӣ пешниҳод намоянд.

Дар сурати бо аризаи даъвогӣ дархост дар бораи озод кардан аз пардохти боҷи давлатӣ, кам кардани андозаи он, ба таъхир андохтан ё ба давраҳо ҷудо кардани мӯҳлати пардохти боҷи давлатӣ замима шуда бошад, он гоҳ судя дархости мазкурро тибқи талаботи қисми 3-и моддаи 91 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд.

3. Диққати судҳо ба он равона карда шавад, ки дар қисми 1-и моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» масъалаи имтиёзи гурӯҳҳои алоҳидаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ марбут ба пардохти боҷи давлатӣ ба инобат гирифта шудааст. Ҳамзамон, суд мутобиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 91 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти вазъи молу мулкии шаҳрванд метавонад шахсони иштирокчии дигари парвандаро аз пардохти боҷи давлатӣ озод кунад ё андозаи боҷи давлатиро кам кунад ё мӯҳлати пардохти боҷи давлатиро ба таъхир андозад ё ин мӯҳлатро ба давраҳо ҷудо намояд.

Дар ин хусус, бо аризаи даъвогӣ дархост дар бораи озод ё кам кардани андозаи боҷи давлатӣ ё ба таъхир андохтани пардохти он ё ин мӯҳлатро ба давраҳо ҷудо намудан замима карда мешавад, ки дар он бояд маълумот дар бораи вазъи молу мулкии арзкунанда дарҷ гардад.

Масъалаи озод кардани шахсони иштирокчии парванда аз пардохти боҷи давлатӣ ҳангоми қабули аризаи даъвогӣ, дар ҳолатҳои зарурӣ бошад ҳангоми қабули ҳалнома баррасӣ карда мешавад.

Дар сурати қабули таъинот оиди озод ё кам кардани андозаи боҷи давлатӣ ё мӯҳлати пардохти боҷи давлатиро ба таъхир андохтан ё ин мӯҳлатро ба давраҳо ҷудо намудан, дар парванда далелҳои тасдиқкунандаи он, ки тарафҳо барои чунин ҳолатҳо ҳуқуқ доранд, бояд мавҷуд бошанд. Таъинотро дар ин бора суд бояд асоснок гардонида, бо дарназардошти вазъи молу мулкии тарафҳо қабул карда шавад.

Инчунин, ба парвандаи мавриди баррасӣ қарордошта далелҳои тасдиқкунандаи вазъи молу мулкии шахсони иштирокчии парванда бо дарназардошти мавҷудияти дигар сарчашмаи даромадҳо замима карда мешавад.

Агар имтиёз бо хусусияти талаби арзшуда нею, балки бо шахсияти даъвогар алоқаманд бошад, он гоҳ ба ариза нусхаи дахлдорӣ шаҳодатномаи намунаи муқарраршуда замима карда мешавад. Масалан, маъюбон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда ва ғайраҳо (банди 19-и моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»).

4. Боҷи давлатӣ бо дарназардошти хусусиятхои хоси зерин пардохта мешаванд:

-барои аризаи даъвогие, ки ҳамзамон дорои хусусияти молу мулкӣ ва ғайримолумулкӣ мебошад, дар як вақт боҷи давлатӣ барои аризаи даъвогии дорои хусусияти молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ дошта ситонида мешавад;

-нархи даъворо даъвогар муайян мекунад. Дар сурати баръало мутобиқат надоштани нархи зикршуда ба арзиши воқеии молу мулки талабшаванда нархи даъворо суд ҳангоми қабули аризаи даъвогӣ муайян менамояд ва дар ин хусус таъинот қабул мекунад (қисми 2-и моддаи 92 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон);

-ҳангоми пешниҳоди аризаи даъвогӣ дар бораи тақсимоти молу мулк, ки дар моликии умумӣ қарор дорад, инчунин оид ба ҷудо кардани ҳисса аз молу мулки зикргардида, эътироф намудани ҳуқуқ ба ҳисса дар молу мулк, агар баҳс дар бораи эътироф намудани ҳуқуқи моликии даъвогар (даъвогарон) ба молу мулки мазкур қаблан аз ҷониби суд мавриди баррасӣ қарор дода нашуда бошад он гоҳ андозаи боҷи давлатӣ тибқи банди 1-и қисми 2-и моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ҳисобӣ карда мешавад;

-ҳангоми пешниҳоди аризаи даъвогии муқобили даъво, инчунин дар бораи ба парванда ҷалб намудани шахсони сеюм, ки талабҳои мустақил нисбати мавзӯи баҳс изҳор менамоянд, боҷи давлатӣ тибқи муқаррароти моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» пардохта мешавад;

-дар асоси таъиноти судӣ иваз намудани тарафи хориҷшуда бо вориси ҳуқуқии он (дар сурати фавти шахси воқеӣ, аз нав таъсис ёфтани ташкилот, даст кашидан аз даъво, интиқоли қарз ва дигар ҳолатҳои ивазшавии шахсон дар ӯҳдадориҳо) боҷи давлатӣ аз тарафи вориси ҳуқуқӣ пардохт карда намешавад;

-дар сурати аз ҷониби судя якҷоя ё ҷудо намудани якчанд талаботи даъво боҷи давлатие, ки ҳангоми пешниҳоди даъво пардохта шудааст аз нав ҳисобӣ нашуда, баргардонида намешавад. Аз рӯи парвандаҳое, ки ба баррасии алоҳида ҷудо карда шудаанд, боҷи давлатӣ такроран ситонида намешавад;

-дар ҳолате, ки агар даъвогар аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда шудааст, боҷи давлатиро ҷавобгар (агар ӯ аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда нашуда бошад) мутаносибан ба андозаи талаботи қонеъ гардонидаи суд, пардохт менамояд;

-ҳангоми пешниҳоди даъвои ворисон дар бораи талаб карда гирифтани ҳиссаи молу мулкии ба онҳо тааллуқдошта, боҷи давлатӣ бо тартибе рӯёнида мешавад, ки ҳангоми пешниҳоди аризаи даъвогии дорои хусусияти молу мулкӣ, ки нархгузорӣ карда намешавад, муқаррар карда шудааст, агар суд аризаро дар бораи эътирофи ҳуқуқи моликӣ ба ин молу мулк қаблан баррасӣ карда бошад.

5. Аз матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» бармеояд, ки зарари маънавӣ новобаста аз он ки дар кадом шакл пулӣ ва ё моддӣ ҷуброн мешавад, ҳамчун зарари ғайримолумулкӣ фаҳмида мешавад.

Бинобар ин, боҷи давлатӣ аз рӯи ин қабил аризаҳо бояд дар асоси талаботи банди 2 қисми 2-и моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», ки пардохти аризаҳои даъвогии дорои хусусияти ғайримолумулкиро пешбинӣ менамоянд, ситонида мешавад.

6.Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки боҷи давлатӣ бо асъори миллӣ дар бонкҳо (филиалҳои онҳо), ҳамчунин тавассути интиқоли маблағҳои боҷи давлатӣ аз ҳисоби боҷсупоранда ба воситаи бонкҳо (филиалҳои онҳо), пардохта мешавад. Қабули боҷи давлатӣ аз ҷониби бонкҳо (филиалҳои онҳо) дар ҳамаи ҳолатҳо бо додани шакли муқаррааргардидаи квитансия амалӣ мегардад.

7. Агар барои анҷом додани амали дорои аҳамияти ҳуқуқӣ ё барои додани ҳуҷҷат якчанд шахсоне, ки ҳуқуқи имтиёзро надоранд муроҷиат намудаанд, боҷи давлатӣ дар ҳаҷми пурра бо ҳиссаҳои баробар, ки байни онҳо маслиҳат шудааст ситонида мешавад.

Вақти анҷом додани амалиёти дорои аҳамияти ҳуқуқӣ ё додани ҳуҷҷат якбора якчанд шахс муроҷиат намоянд, ки ҳуқуқи имтиёз надоранд, боҷи давлатӣ дар ҳаҷми пурра ва саҳмҳои баробари онҳо бо мувофиқаи тарафҳо супорида мешавад. Дар ҳолате, ки агар дар байни шахсони барои анҷом додани амалиётҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ ё барои додани ҳуҷҷатҳо муроҷиаткунанда як шахс (якчанд шахс) мутобиқи қонун аз пардохти боҷи давлатӣ озод бошад (озод бошанд), пас ҳаҷми боҷи давлатии ба буҷети дахлдор пардохтшаванда мутаносибан барои шахсони ба имтиёз ҳуқуқдошта кам карда мешавад ва дар ин ҳолат боҷи давлатиро як шахс (якчанд шахс), ки ҳуқуқ ба имтиёз надорад (надоранд) мепардозад (қисми 5-и моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»).

8. Масъалаи қисман ё пурра баргардонидани боҷи давлатии пардохтшуда тибқи талаботи моддаи 94 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешавад.

Ариза дар бораи баргардонидани маблағи боҷи давлатии барзиёд пардохташуда аз тарафи супорандаи боҷи давлатӣ ба суди маҳали ҷойгиршавӣ, ки парвандаро баррасӣ намудааст, пешниҳод карда мешавад.

Ба ариза дар бораи баргардонидани маблағи барзиёд пардохташудаи боҷи давлатӣ ҳалнома, таъинот ва дигар маълумотномаҳо дар бораи ҳолатҳое, ки асоси пурра ё қисман баргардонидани маблағи барзиёд пардохташудаи боҷи давлатиро дар бар мегиранд, инчунин дар ҳолате, ки агар боҷи давлатӣ бояд ба андозаи пурра баргардонида шавад- хуҷҷатҳои аслии пардохт, дар ҳолати қисман баргарднидани он - нусхаҳои ҳуҷҷатҳои пардохтии зикргардида замима карда мешаванд.

Баргардонидани боҷи давлатӣ аз ҷониби мақомоти молиявии давлатии маҳалли ҷойгиршавии бонк (филиали он), ки пардохтро қабул кардааст, дар асоси таъиноти суд дар хусуси баргардонидани боҷи давлатӣ анҷом дода мешавад. Боҷи давлатие, ки ба буҷети ҷумҳуриявӣ пардохта шудааст, дар мӯҳлати 10 рӯз аз рӯзи қабул кардани таъиноти суд баргардонида мешавад.

9. Судҳо ҳангоми қабули ҳалнома бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи талаботи моддаи 100 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон суд ба тарафе, ки ба манфиати ӯ ҳалнома қабул кардааст, аз ҳисоби тарафи дигар ҳамаи маблағҳои пардохти боҷи давлатӣ вобаста ба баррасии парвандаро ҷуброн менамояд. Агар даъво қисман қонеъ гардонида шуда бошад, пас маблағи пардохти боҷи давлатии дар ҳамин модда пешбинигардида, ба даъвогар мутаносибан ба андозаи талаботи

қонеъгардонидаи суд ва ба ҷавобгар бошад мутаносибан ба он қисми талаботи даъво, ки ба даъвогар рад карда шудааст, гузаронида мешавад.

Агар суди марҳилаи болоӣ парвандаро ба баррасии нав барнагардонад ва ҳалномаи қабулшударо тағйир диҳад ё ҳалномаи нав қабул кунад, он мутаносибан тақсими боҷи давлатиро низ тағйир медиҳад. Дар ин ҳолатҳо суди марҳилаи болоӣ ҳалномаро дар қисми тақсими маблағи боҷи давлатӣ тағйир надода бошад, пас ин масъаларо мутобиқи аризаи шахси манфиатдор бояд суди марҳилаи якум ҳал кунад.

10. Суди марҳилаи кассатсионӣ бояд дар назар дошта бошад, ки напардохтан ё нопурра пардохтани боҷи давлатӣ аз ҷониби тараф наметавонад асоси баргардонидани парванда ба суди марҳилаи якум гардад. Дар ин ҳолат масъала дар бораи рӯёнидани боҷи давлатӣ ба андозаи муқаррарнамудаи қонун дар қарори кассатсионӣ бо дарназардошти қоидаҳои моддаи 100 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ҳал мегардад.

11.Мутобиқи талаботи моддаи 106 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба таъинот оид ба масъалаҳои пардохти боҷи давлатӣ шахсони иштирокчии парванда метавонанд шикояти хусусӣ пешниҳод намоянд.

12. Бо қабули Қарори мазкур, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 1982, №2 (бо тағйироту иловаҳо аз 28 декабри соли 1989, №9 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оиди рӯёнидани хароҷотҳои судӣ марбут ба парвандаҳои гражданӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н. Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Саидов**